*УДК 33Т.*

# ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ МИНТАҚА: АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАДҚИҚОТ

***Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновна**, дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг; **Бадалов Ҷурабой Ҷумабойевич,** муаллими кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ТРУДОВОЙ ПОТЕНЦИАЛ РЕГИОНА: КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ

***Пулодова Хуршеда Шарифджоновна**, к.э.н., доцент кафедры управления экономики и маркетинга; **Бадалов Джурабой Джумабоевич**, преподаватель кафедры мировой экономики ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, г. Худжанд*

# LABOR POTENTIAL OF THE REGION: CONCEPTUAL FRAMEWORK OF THE RESEARCH

***Pulodova Khursheda Sharifjonovna**, Candidate of Economical Sciences, Associate Professor of the Department Management with Economics and Marketing, **E-mail:** badalov.87.87@mai.ru*

***Badalov Juraboy Jumaboevich**, Lecturer of the Department of World Economy, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*

***E-mail:** rahim13@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** захираи меҳнатӣ, бозори меҳнат, иқтидори меҳнат, иқтидори меҳнатии минтақа, сиёсати кадрӣ,низоми институсионалӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, нерӯи инсонӣ*

*Дар мақола равишҳои муайянкунандаи моҳиятии мафҳумҳои "иқтидори меҳнатӣ", "иқтидори меҳнатии минтақа" мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Мазмуни нави ин мафҳумҳо ошкор сохта шудааст, низоми таъсири омилӣ ба самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ чун шарти базавии такрористеҳсоли босифати онҳо тавсиф гардидааст, ки дар методологияи таҳлил, дурнамо, банақшагирии рушди бозори меҳнатии минтақа инъикос меёбад. Ғайр аз ин равишҳо ба фаҳмиши консепсияи ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа дар шароити Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Тадқиқот собит сохт, ки дарки мазмуни суъект ва омилҳои раванд шартҳои зарурии ташаккули сифати иқтидори меҳнатии минтақа мебошанд. Зикр шудааст, ки шарти зарурии ташаккули иқтидори меҳнатӣ фароҳам овардани фазои муътадили истифодаи он ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова:** трудовые ресурсы, рынок труда, трудовой потенциал, трудовой потенциал региона, кадровая политика, институциональная система, уровень жизни населения, человеческий потенциал*

*В статье раскрываются теоретические подходы, определяющие сущность понятия «трудовой потенциал», «трудовой потенциал региона». Раскрыто новое содержание данной категории, определена система факторного влияния на эффективность использования трудового потенциала работников как базовое условие качественного воспроизводства трудовых ресурсов, что находит отражение в методологии анализа, прогнозировании и планировании развития регионального рынка труда. Кроме того, рассмотрены подходы к пониманию концепции формирования трудового потенциала региона в условиях Таджикистана. Отмечено, что необходимыми условиями формирования качества трудового потенциала региона является понимание субъектов и факторов процесса. Отмечено, что необходимым условием формирования трудового потенциала является создание условий для его реализации.*

***Key words:** labor resources, labor market, labor potential of the region, personnel policy, institutional system, standard of living, human potential, human potential*

*This article reveals theoretical approaches that define the essence of the concept of "labor potential", "labor potential of the region". On the part of the authors, new content of this category has been revealed, a system of factor influence on the efficiency of using the labor potential of workers has been defined as a basic condition for the high-quality reproduction of labor resources, which is reflected in the methodology of analysis, forecasting and planning for the development of the regional labor market. In addition, approaches to understanding the concept of forming the labor potential of the region in the conditions of Tajikistan are considered. The study showed that the necessary conditions for the formation of the quality*

*of the region's labor potential is an understanding of the subjects and factors of the process. The study showed that a necessary condition for the formation of labor potential is the creation of conditions for its implementation.*

Дар шароити ҷаҳонишавии умумӣ яке аз афзалиятҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба иқтисоди инноватсионии иҷтимоимеҳвар ба шумор меравад. Мутобиқи самти интихобшуда рушди иқтидори инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии кишвар то давраи соли 2030 пешбинӣ шудааст.

Барои татбиқи ин стратегия инсонро ҳамчун ҳомили ягонаи иқтидори меҳнатӣ дар низоми падидаҳои ба ҳам алоқаманди иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ ва таҳқиқ кардан лозим аст.

Аз ин рӯ, омӯзиши иқтидори меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ муносибати маҷмӯӣ ва мунтазамро дар таҳқиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодии фаъолияти меҳнатӣ тақозо менамояд. Бинобар ин таҳқиқи иқтидори меҳнатӣ ва шароити ташаккулу инкишофи он мубрамияти махсус пайдо мекунад.

Дар байни мутахассисон оид ба мундариҷаи иқтидори меҳнатӣ чун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ иттифоқи ороъ вуҷуд надорад. Мавқеи муаллифон вобаста ба ҷанбаи баррасии масъала, тамаркузи таваҷҷӯҳ интихоби таъкид ҳангоми таҳқиқ, методологияи мавриди истифода ва техникаи таҳлил моҳиятан фарқ мекунад.

Мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ» дар сарчашмаҳои иқтисодӣ дар баробари категорияҳои «захираҳои меҳнатӣ», «қувваи корӣ», «иқтидори инсонӣ», «сармояи инсонӣ» ва ғайра истифода мешавад. Ҳарчанд мубоҳисаҳои илмӣ дар бораи мундариҷаи ин категорияҳои иҷтимоию иқтисодӣ идома доранд, вале аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «захираҳои меҳнатӣ» он аҳолии қобили меҳнат мебошад, ки дорои рушди ҷисмонии зарурӣ, дониш ва таҷрибаи амалӣ барои кор дар хоҷагии халқ аст. Ҳамчунин аҳолии машғули кори аз синнусоли қобили меҳнат ҷавонтар ва калонтар низ захираи меҳнатӣ маҳсуб мегардад. "Қувваи корӣ" ё "нерӯи корӣ" қобилияти инсон ба кор, риоя намудани қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ақлонии (зеҳнии) барои тахассус зарурӣ, ҳамчунин қобилият ва таҷрибаи ӯ дар соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад; "иқтидори инсонӣ" вижагии фарогири нерӯи ҳаётии инсон мебошад, ки мушаххасоти зеринро ба назар мегирад: давомнокии умр, сатҳи таҳсилот ва даромад; "сармояи инсонӣ" дониш, қобилият ва ангезаҳоеро дар бар мегирад, ки ба инсон имкон медиҳад даромад ба даст орад.

Дар солҳои 80-уми асри XX дар адабиёти илмӣ мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ» хеле серистеъмол буд, бинобар ин шарҳу тафсирҳои зиёдро ба миён оварда буд. Таърифи ин мафҳумро иқтисоддонҳо, файласуфон, демографҳо ва ҷомеашиносон пешниҳод кардаанд. Аз ин рӯ, тасодуфӣ нест, ки таърифи категорияи «иқтидори меҳнатӣ» ба таърифи мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, гурӯҳҳои касбию минтақавӣ ва дигар тафовутҳои сохторӣ алоқаманд аст.

Се муносибати асосие вуҷуд дорад, ки ба муайян кардани категорияи «иқтидори меҳнатӣ» нигаронида шудааст: захиравӣ, омилӣ ва равишӣ, ки бо баррасии иқтидори меҳнатии кор ҳамчун иқтидори худи кор алоқаманданд. Дар муномибати захиравӣ иқтидори меҳнатӣ ҳамчун захираи меҳнатие баррасӣ мешавад, ки ҷомеа дар марҳилаи муайян рушд дар ихтиёр дорад. Муносибати омилӣ иқтидори меҳнатиро ҳамчун шакли омили шахсии корманд бо тақсими арзёбии миқдорӣ ва сифатӣ дар ҳар як марҳилаи рушди он тавсиф мекунад.

Намояндагон иқтидори хосаи корро на бо аҳолии қобили меҳнат ҳамчун ҳомили эҳтимолии қобилияти корӣ, балки бо шароити умумӣ ва мушаххаси меҳнатӣ алоқаманд мекунанд.

Олими рус А.С. Панкратов иқтидори меҳнатиро чун «шакли интегралӣ муайян мекунад, ки қобилияти ҷамъиятро барои ба таври динамикӣ таъмин намудани омили инсонии истеҳсолот тибқи талаботи тараққиёти он миқдоран ва сифатан тавсиф мекунад [5,с.124].

В. Д. Егоров пешниҳод мекунад, ки иқтидори меҳнатӣ ба таври комплексӣ баррасӣ карда шавад. Ба ақидаи В. Д. Егоров иқтидори меҳнатӣ имкониятҳои умумии фаъолияти меҳнатиро ба амал баровардани аҳолӣ мебошад, ки ба назар гирифтани шароити минтақавӣ, миллӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таъсири инкишофи кувваҳои истехсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро пешбинӣ мекунад [3,с.78].

Муносибати иқтисодӣ-минтақавӣ ба муайян кардани моҳияти иқтидори меҳнатӣ дар асарҳои Я.Т. Василйев инъикос ёфтааст. Ӯ таъсири ҳам омилҳои демографӣ ва ҳам омилҳои истеҳсолии ҷамъиятиро ба иқтидори меҳнатӣ исбот намудааст. Олимони дигар, аз ҷумла В. Волович

зарурати ба ҳисоб гирифтани омилҳои шароити табиию иқлимӣ ва дараҷаи ифлосшавии муҳити табиии минтақаро зикр кардаанд [1,с.134].

Г.Д. Кулагина иқтидори меҳнатии мамлакат ё минтақаро ҳамчун қобилияти умумии захираҳои меҳнатии он барои истеҳсоли ҳаҷми ҳадди аксар имконпазири маҳсулот ва хизматрасонӣ дар ҳамин шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки барои қонеъ гардондани эхтиёҷот ва таъмини тараққиёти рӯзафзуни иқтисодиёт заруранд, муайян мекунад [4,с.54].

Ин таърифи иқтидори меҳнатӣ таваҷҷуҳро ба баҳисобгирии омории ҳам шумораи захираҳои меҳнатӣ ва ҳам таркиби сифатии иқтидори меҳнатӣ ва самаранокии истифодаи он ҷалб мекунад. Ин таъриф аз иқтидори меҳнатӣ ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад ва онро аз ҳомилони он - захираҳои меҳнатӣ ҷудо мекунад.

Дар асоси тадқиқи муносибатҳои мавҷуда таърифи истилоҳи «иқтидори меҳнатии минтақа» ҷамъбаст карда, зимнан панҷ муносибати асосӣ пешниҳод гардидааст (ҷад.1).

***Ҷадвали 1. Муносибатҳо ба тафсири мафҳуми «иқтидори меҳнатии минтақа»***

| **Муносибатҳо** | **Иқтидори меҳнатии (минтақа, кишвар)** |
|---|---|
| Иқтисодӣ | 1) захираҳои инсонӣ дар ягонагии зуҳуроти миқдорӣ ва сифатии онҳо (муносибати захиравӣ) мебошад<br>2) шакли зуҳури омили шахсии истеҳсолот(муносибати омилӣ) мебошад<br>3) нишондиҳандаҳо ва сифатҳои ҷамъбастии умумии қобилияти кории аҳолӣ, нишондиҳандаҳои фаъолият(муносибати омехта, маҷмуӣ) мебошад. |
| Демографӣ | Аҳолии ба синни қобили меҳнат расида аст. |
| Тибию демографӣ | Аҳолии қобили меҳнатӣ дар синни қобили меҳнат мебошад |
| Оморӣ | Шумораи захираҳои меҳнатӣ аст |
| Ҷомеашиносӣ | Мушаххасоти сифатии қувваи корӣ мебошад. |

**Манбаъ: аз тарафи муаллифон тартиб дода шудааст**

Иқтисодиёти бозорӣ талабҳои иловагиеро ба миён мегузорад, ки онҳоро бо мушаххасоти соф миқдорӣ ва сифатии меҳнат тавсиф кардан мумкин нест ва аз ин рӯ, вазифа аз он иборат аст, ки муносибаҳои нав таҳия карда шаванд, ки ба алоқаи мутақобилаи иқтидори меҳнатӣ бо дигар равандҳои иқтисодӣ асос меёбанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло иқтидори меҳнатии минтақа маҷмуи мушаххасоти миқдорӣ ва сифатии баҳамалоқаманди аҳолии минтақа барои иҷрои корҳое мебошад, ки ба даст овардани мақсадҳои истеҳсолиро дар шароити муайяни иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти пешрафтҳои илмию техникӣ таъмин менамояд.

Таҳия ва татбиқи иқтидори меҳнатии қувваи корӣ бояд рушди динамикиро, ки бо дурнамои ташаккули иқтидори босифати меҳнатӣ дар минтақа алоқаманд аст, таъмин намояд. Ин муқаррара ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои асосии ташаккули иқтидори меҳнатии минтақаро сохторбандӣ кунем (расми 1).

Ба назар гирифтан зарур аст, ки ташаккули иқтидори кории минтақа имрӯз метавонад боиси зиёд шудани шароиту имкониятҳои танзими сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо гардад. Зимнан, низоми институтсионалии татбиқи иқтидори меҳнатии минтақа дар намуди субъектҳо ва таъсиррасонӣ ба объекти таълим тавассути сиёсати пешгирифтаи минтақа ифода меёбад.

Консепсияи рушд ва амалигардонии иқтидори меҳнатии минтақа аз ду самти асосӣ иборат аст: шароитҳои бунёдӣ ва муҳити рушди иқтидори минтақа дар соҳаи меҳнат, инчунин низоми идоракунии институтсионалии татбиқи иқтидори минтақа, аз ҷумла мавзуъҳое, ки ба иқтидори корӣ таъсир мерасонанд.

Шароит ва муҳити зисти минтақа асоси рушди иқтидори меҳнатии минтақа буда, бояд барои қабули қарорҳои оқилонаи стратегии идоракунӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гиранд. Хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳои шароит ва муҳити асосии ташаккули иқтидори меҳнатии минтақаро баррасӣ мекунем. Рушди иқтисодиёти минтақа бо сохтори саноатии истеҳсолот, нишондиҳандаҳое, ки махсулоти дохилии минтақавиро тавсиф менамоянд, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноат, ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармоя, даромади номиналии пулии аҳолӣ тавсиф карда мешаванд [6,с.156].




***Расми 1. Унсурҳои консепсияи ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа***

Вазъияти демографии минтақа аз рӯи шумораи аҳолӣ, таваллуд, фавт, суръати афзоиши табиӣ ва дигар нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешавад. Сиёсати иҷтимоӣ, инфрасохтор ва сатҳи зиндагии минтақа бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешавад: давомнокии умр аз оғози таваллуд, таносуби фавти кӯдакон, бемории аҳолӣ, салдои муҳоҷират, суръати миёнаи афзоиши сохтмон дар минтақа, бо объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ таъмин будани аҳолӣ.

Ба функсияҳои экологӣ, ҷуғрофӣ ва иқлимии минтақа вазъи экологӣ, вазъи ҷуғрофӣ ва иқлими минтақа мансубанд. Сатҳи рушди истеҳсолот ва технология бо нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии минтақа тавсиф карда мешавад. Захираҳои меҳнатии минтақа бо нишондиҳандаҳои зерин ифода карда мешаванд: шумораи аҳолии қобили меҳнат, дараҷаи маълумот ва миқдори вақти кор. Дар натиҷа метавон ба хулосае расид, ки ба назар гирифтани шароити асосӣ ва муҳити зисти минтақа ба ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа таъсири назаррас мерасонад ва онҳо бояд мавриди баррасию арзёбӣ қарор гирифта, дар раванди банақшагирӣ дар минтақа ба назар гирифта шаванд.

Низоми институтсионалии идоракунии сифати иқтидори меҳнатии минтақа самти ташаккули агентҳои институтсионалиро дар бар мегирад: давлат, минтақа, ташкилот, хоҷагиҳои хонаводагӣ ва кормандон-ҳомилон, ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки вазифаҳои худро амалӣ намудаанд ва таҳти таъсири танзими институтсионалӣ тағйир ёфтаанд.

Танзими давлатӣ ва минтақавии комплекси такрористеҳсоли иқтидори меҳнатӣ сиёсати демографӣ, тайёр кардан ва бозомӯзӣ, сиёсати шуғл ва сиёсатро дар соҳаи кори иҷтимоӣ дар бар мегирад. Барои идораи самараноки сифати иқтидори меҳнатии минтақа муқоисаи манфиатҳо ва амалкарди мақомоти давлатӣ, мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимият, инчунин дигар муассисаҳо муҳим аст.

Дар низоми институтсионалии идоракунӣ ва ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа ташкилотҳои минтақавӣ аз қабили хадамоти шуғли аҳолӣ, истифода, рушд ва амалигардонии иқтидори меҳнатии минтақа нақши муҳим мебозанд. Дар ташкилотҳо дар доираи сиёсати кадрӣ корҳои мутобиқсозии кадрҳо ба шароити мавҷуда ва тағйирёбандаи меҳнат, инкишоф, нигоҳдорӣ ва интиқоли салоҳиятҳои касбии вижаи корпоративии кормандони ташкилот гузаронида мешаванд. Дар сатҳи ташкилот инкишофи кормандон тавассути истифодаи низомҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос, инчунин чораҳои ҳавасмандгардонию ангезабахшии кормандон барои қонеъ кардани талабот ва ташаккули арзишҳои кормандон ва ҳамкорон тавассути ташаккули рафтори самараноки кормандон амалӣ гардонида мешавад. Ҳамин тариқ, ташкилотҳо ба кормандон ҳамчун захираи асосии истеҳсолӣ сармоягузорӣ мекунанд.

Чунин ташкилотҳо, чун субъектҳои бозори меҳнати минтақа ба рақобат, моделсозии талабот ба кадрҳо таъсир мерасонанд, инчунин иқтидори меҳнатии минтақаро барои амалигардонӣ пешниҳод мекунанд ва дар натиҷа, такрористеҳсоли он, аз ҷумла такрористеҳсоли моддиро таъмин менамоянд. Мусоидат ба талаботи қувваи корӣ аз мавқеи ташкилотҳо ҳамчун корфармо бояд на танҳо ба интихоби коргарон ба ташкилот, балки ба самтҳо, равандҳо ва мундариҷаи фаъолияти касбӣ ва тайёр кардани қувваи корӣ дар низоми маорифи минтақа таъсир расонад [7,с.169].

Сиёсати бамулоҳизаи кадрии ташкилот инкишоф ва таҷаммуи иқтидори меҳнатии минтақаро ба вуҷуд меорад, зеро кормандон тавассути мутаҳаррикии байнисохторӣ ҳаракати иқтидори меҳнатиро таъмин менамоянд ва ба туфайли ин ба тағйироти иқтидори кории минтақа аз ҳисоби таъсири вазъияти фавқулода ва синергетикӣ мусоидат менамоянд. Корманде, ки аз ташкилот хориҷ мешавад, на танҳо қувваи кории худ, балки иқтидори меҳнатии худ, аз ҷумла салоҳиятҳои корпоративии ҳосилкардаашро низ бо худ мебарад. Дар ҷои кори нав ӯ иқтидори меҳнатӣ ва салоҳиятҳои худро истифода мебарад, ба ташкилот чизи нав ворид мекунад ва салоҳиятҳои мавҷударо дар ташкилот моделсозӣ мекунад ва бо ин роҳ онро ғанӣ гардонида, мубодилаи таҷриба ва рушди иқтидори меҳнатиро таъмин месозад.

Дар сатҳи институти оила (хоҷагии хонаводагӣ) низ ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа инчунин тавассути такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, касбинтихобкунӣ ва таъмини омодакунии касбӣ ангезиш ва мусоидат ба инкишофи кадрҳои кордону ихтисоснок ва беҳтар намудани таъминоти моддӣ сурат мегирад. Дар ин сатҳ аҳаммияти сифат ва сатҳи зиндагии мардуми минтақа меафзояд, зеро ин имкон медиҳад, ки равандҳои қувваи корӣ амалӣ карда шаванд.

Аз ин рӯ, дар асоси хусусиятҳои муайяни минтақавӣ амалигардонии иқтидори меҳнатии аллакай мавҷудаи минтақа ба миён меояд. Дар ин раванд, чунон ки зикр гардид, рушди институтсионалии минтақа, масъулияти иҷтимоии иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, сифати ҳаёти меҳнатӣ, инчунин сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозанд.

Иқтидори меҳнатии минтақа аз умумӣ ва махсус иборат аст. Ин тақсимот аз он сабаб ба амал меояд, ки агенти институтсионалӣ ба субъект-қувваи кории минтақа таъсир мерасонад, субъект бошад, таҳти таъсири талаботи институтсионалӣ тағйир меёбад ва дар айни замон иқтидори кории худро амалӣ менамояд:

1) талабот ва истифодаи захираҳои меҳнатие, ки дар ин давра заруранд;

2) иқтидори кории минтақа амалӣ мегардад, ки боиси натиҷаҳои иқтисодиёти вилоят мегардад ва дар айни замон механизми рушди иқтидори меҳнатӣ амалӣ мешавад.

Аз ин рӯ, муҳиммияти оптимизатсияи сиёсати кадрӣ ва рушди истеҳсолот дар минтақа ва оптимизатсияи низоми институтсионалие, ки ба он таъсир мерасонад, ба миён меояд.

Самти муҳимми ташаккули иқтидори меҳнатии минтақа модел ва технологияи истифодаи самараноки иқтидори меҳнатии минтақа мебошад. Ин ҷузъи таркибӣ яке аз категорияҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти иқтисоди минтақа мебошад, ки дар он беҳтар гардидани сифати иқтидори меҳнатии минтақа тавассути ташкили низоми танзими бозорҳои корпоративӣ ва минтақавии меҳнат амалӣ карда мешавад. Ҳама гуна рушд ва таҷаммуи қувваи кории вилоят бевосита бо он алокаманд аст. Ғайр аз ин, сухан дар бораи ҳамкории ҳама ниҳодҳо дар

чаҳорчӯби идоракунии ташаккули иқтидори кории минтақа тавассути ҳамоҳангсозии амалҳо ва банақшагирии стратегӣ меравад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо метавонем ба хулосае бирасем, ки иқтидори меҳнатии минтақа маҷмуи ба ҳам алоқаманди ба таври динамикӣ инкишофёбандаи мушаххасоти миқдорӣ ва сифатии аҳолии аз лиҳози меҳнат фаъол мебошад, ки рушди ҷорӣ ва ояндадори бозори чандири меҳнат ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди минтақавиро дар шароити мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул медиҳад.

Кор оид ба рушди иқтидори меҳнатии минтақа имрӯз аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар қаринаи тағйироти институтсионалӣ дар иқтисоди муосири минтақа коргарони дорои дониш ва салоҳиятҳои нав хеле матлуб мегарданд. Ҳангоми таҳлили шароити рушди иқтидори меҳнатии минтақа раванди амалигардонии иқтидори меҳнатии минтақаро на танҳо аз нуқтаи назари сифати шуғли аҳолӣ, балки аз дидгоҳи татбиқи равандҳои баланд бардоштани иқтидори меҳнатӣ, ки дар истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳои инноватсионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, азхуд кардану ташаккул додани иқтидори бозорӣ таҷассум меёбад, ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Вобаста ба ин, ташаккули иқтидори меҳнатии минтақаро бо афзоиши эҳтимолии даромади ояндаи минтақа, ҳамчунин чун роҳи баланд бардоштани маҳсулнокию самаранокии меҳнат баррасӣ кардан нашояд. Ин раванд тавассути ба вуҷуд овардани хароҷоти нав, таҳкими рақобатпазирии минтақа дар бозорҳои мақсаднок мутобиқан ба воқеияти муосири иқтисодӣ зоҳир мегардад, ки салоҳияти умумии кадрҳои минтақаро такмил медиҳад. Минтақаҳо барои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ бояд ташкилотҳоро ба ҳайси воситаи асосии рушди иқтидори меҳнатии минтақа дастгирӣ намоянд. Рушди хосиятҳои миқдорӣ ва сифатии иқтидори меҳнатии вилоят амалигардонии фавриро тақозо менамояд, ки дар ниҳояти кор ба рушди минтақа таъсири мусбат мерасонад, рақобатпазирӣ ва рушди онро дар асоси истифодаи консепсияи рушд ва амалигардонии иқтидори меҳнатии минтақа таъмин менамояд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Волович, В.Н. Влияние экологических факторов на формирование трудового потенциала/В.Н.Волович// Трудовой потенциал: формирование и использование в условиях перестройки: сб. науч. трудов. - Л.: ЛИЭИ, 1990. - с. 74-76.
2. Васильев, Я.Г. Региональная занятость и рынок труда: Основы теории, функционирования и прогнозирования/Я.Г.Васильев.- Новосибирск: Наука, 2000. - 215 с.
3. Егоров, В.Д. Методологические аспекты изучения трудового потенциала населения / В.Д. Егоров. - М.: Экон-Информ, 2002. - 101 с.
4. Кулагина, Г.Д. Макроэкономическая статистика / Г.Д. Кулагина. - М.: МЭСИ. 1998. - 140 с.
5. Панкратов, А.С. Управление воспроизводством трудового потенциала / А.С. Панкратов. - М.: Изд-во МГУ, 1986. - 279 с.
6. Пулодова, Х.Ш. Регион и методы воздействия на формирование и использование ресурсов/Х.Ш.Пулодов//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научный журнал). Худжанд, 2012.-№1 (49). – С. 148-155.
7. Хадасевич, Н.Р. Роль социальной ответственности в развитии трудового потенциала/Н.Р.Хадасевич//Управление персоналом и интеллектуальными ресурсами в России. - 2012. - № 3. –С.50-56.


**REFERENCES:**


1. Volovich V.N. The influence of environmental factors on the formation of labor potential // Labor potential: formation and use in the conditions of perestroika: collection. scientific works - L.: LIEI, 1990. P.74-76.
2. Vasiliev Ya.G. Regional employment and labor market: Fundamentals of theory, functioning and forecasting. - Novosibirsk: Science, 2000. 215 p.
3. Egorov, V.D. Methodological aspects of studying the labor potential of the population / V.D. Egorov. M.: Ekon-Inform, 2002. 101 p.
4. Kulagina, G.D. Macroeconomic statistics / G.D. Kulagina. M.: MESI. 1998. 140 p.
5. Pankratov, A.S. Management of reproduction of labor potential / A.S. Pankratov. M.: Moscow State University Publishing House, 1986. 279 p.
6. Pulodova Kh.Sh. Region and methods of influencing the formation and use of resources // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics (scientific journal). Khujand, 2012.-№1 (49). P.148-155.
7. Khadasevich N.R. The role of social responsibility in the development of labor potential // Personnel and intellectual resources management in Russia. 2012. #3. P.50-56.